Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Омӯзиши системаи сиёсии ҷомеа дар илмҳои сиёсӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Махсусан, дар шароити ҷаҳони тағйирёбанда ва бо дарназардошти дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор додани раванди ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеаи имрӯза, аз ҷумла системаҳои сиёсии ҷомеаҳои демократӣ, иқдоми саривақтӣ ва хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович ба омӯзиши ҳамин масъала бахшида шуда, дар он раванди ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳо ва сабабҳои дигаргуншавии унсурҳои таркибии он, раванди гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигари он, ташаккулёбии системаи сиёсии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти мазкур на танҳо барои рушди назарияи системаи сиёсӣ, фаҳму дарки моҳияти системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани таълими системаи сиёсӣ дар мактабҳои олӣ, барои баланд бардоштани самаранокии ниҳодҳои сиёсӣ, таҳкими мавқеи унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ, беҳтар намудани муоширати сиёсии иштирокчиёни ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, хубтару беҳтар ба роҳ мондани робитаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле аҳамиятнок мебошад.

Вобаста ба муҳимияти омӯзиши мавзӯъ ҳаминро бояд қайд намоем, ки то ҳанӯз заминаҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва омилҳои гуногуни ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти дигаргуниҳои 30 соли истиқлолияти давлатӣ дар таҳқиқоти сиёсатшиносон ба таври маҷмӯӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дар заминаи анъанаҳои илмии олимони тоҷик анҷом дода шуда, дар он як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокшудаи муаллиф таҳия гардидаанд, ки барои дарки моҳияти равандҳои сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ва махсусан, барои таҳқиқи минбаъдаи системаи сиёсии кишвар аҳамияти калони илмию назариявӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми таҳқиқоти анҷомёфта дар он ифода меёбад, ки муаллифи он омӯзиши масъалаи системаи сиёсиро ҳамчун раванди сиёсӣ бо дарназардошти давраи гузариш анҷом додааст, ки дар натиҷаи ин ӯ тавонистааст ба масъалаи дар амал татбиқ намудани ниҳодҳои демократии ҷомеа диққати махсус диҳад. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва махсусан хулосаҳои муаллиф имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои муҳими раванди демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон ба таври дуруст шарҳ дода шаванд. Инчунин дар раванди таҳқиқи масъала муаллиф ба тағйирпазирии ҷомеа ва дигаргуниҳои солҳои охир диққати махсус равона намуда, таъсири онҳоро ба системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст.

Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович барои мукаммалгардонии стратегияҳои миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок мебошад. Зеро дар он муаллиф дар заминаи таҳлили вазъияти воқеии ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилиҳоеро нишон додааст, ки дар оянда низ барои рушди минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд монеа эҷод намоянд. Барои пешбинӣ ва ояндабинии дурнамои рушди системаи сиёсии Тоҷикистон хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф хеле аҳамиятнок мебошанд. Воқеан ҳам ташаккул ва рушди системаи сиёсии ҷомеа аз омилҳои гуногун вобастагии зиёд дорад. Махсусан, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маънавӣ, сиёсию идеологӣ ба раванд таъсири амиқ мерасонанд. Махсусан, дар раванди ташаккули системаи сиёсии демократӣ баланд бардоштани маданияти сиёсии демократии ҷомеа зарур аст. Инчунин, барои татбиқи пурсамариислоҳоти соҳавӣ вазъи хуби иҷтимоию иқтисодӣ низ лозим мебошад. Аммо вуҷуд доштани мушкилиҳои сиёсию идеологӣ дар таҳкими давлатдорӣ ва ташаккули системаи сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Муаллиф дар ин маврид қайд менамояд, ки ҷанги шаҳрвандӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муҳимтарин монеаи рушди кишвар ва хусусан, системаи сиёсии ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ин ҷангро дар таърих ҳамчун ҷанги бародаркӯш низ муайян менамоянд, ки воқеан дуруст аст. Баъд аз заволи Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлолияти давлатиро соҳиб шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон он ба сифати субъекти соҳибихтиёри муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардид, ки мутаассифона, дар ин ҳангом кишвар ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ дохил шуда буд. Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шароити демократикунонии кишвар аз дастовардҳои наҷиби давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Он зимни баамалбарории муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба даст омад. Имконияти аз нав ташаккул додани системаи сиёсӣ ва қабули қарорҳои мусбат ва саривақтии раванди идоракунӣ ба миён омад. Ин марҳила дар ҳақиқат марҳилаест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо системаи сиёсии нави хеш барои

танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ва амалигардонии муносибатҳои хориҷии кишвар бо акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Яке аз паҳлуҳои мусбати диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хусусиятҳои муҳими системаи сиёсӣ ва махсусан таҳлили системавии ҳаёти сиёсии ҷомеаро нишон додааст. Воқеан ҳам таҳлили системавии ҳаёти сиёсӣ барои омӯзиши масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва аз ҳама муҳим барои муайян кардани мушкилиҳои соҳавӣ хеле зарур аст. Дар робита бо ин бояд ёдовар шуд, ки системаҳои сиёсии гуногунро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст, ки онҳо дар зери таъсири фарҳангҳои гуногун ташаккул ёфтаанд. Аз ин рӯ, таҳлили системавӣ имкон медиҳад, ки нуқтаҳои заъф ва унсурҳои бо афкори ҷамъиятӣ созгор муайян карда шаванд. Чунин тарзи баррасии масъала дар таҳқиқоти муаллиф ба мушоҳида мерасад.

Таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи моҳият, хусусият, вазифаҳо ва раванди ташаккулёбиву инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мақсади таҳқиқотии муаллифро ташкил намудааст. Амалӣ гардидани мақсади мазкур ба муаллиф имконият додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххас ноил шавад. Аз ҷумла дар диссертатсияи мазкур мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд; мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст; хусусиятҳои асосии трансформатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд; асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд; масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд иқрор шуд, ки мақсади таҳқиқот амалӣ гардида, вазифаҳои дарпешгузоштаи муаллиф иҷро гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои он дар чунин шакл пурра бо сохтори ин навъи таҳқиқот мувофиқат менамояд. Дар боби аввал муаллиф масъалаҳои назариявию методологии ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор дода, дар боби дуюм хусусиятҳои бевоситаи ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва заминаҳои рушди минбаъдаи онро таҳқиқ намудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми баррасии минбаъдаи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа метавонад истифода гарданд. Натиҷаҳои кори илмӣ таҷассумгари таҳаввулоти сифатии даврони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ боз аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки дар баробари ифодаи унсурҳои назариявӣ ҷанбаҳои амалии шаклгирии системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи дигаргуншавии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар худ инъикос менамояд. Хулосаҳо ва маводи диссертатсия дар таълими фанҳои мухталиф, аз қабили сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

Саҳми муаллиф дар омӯзиши ин масъала аз он иборат аст, ки ӯ бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти дигаргуниҳои ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Барои анҷом додани чунин таҳқиқот муаллиф дар назди худ вазифаҳои мушаххасро мегузорад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои дарпешгузоштаи муаллиф иҷро гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Вобаста ба норасогиҳои таҳқиқоти мазкур якчанд ҳолатро номбар кардан мумкин аст, ки онҳоро ба таври зайл нишон медиҳем:

1.Нақши истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ дар ташаккулёбии системаи сиёсӣ хеле зиёд аст. Мутаассифона, муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳи камтар додааст. Ҳарчанд дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои номбаргардида ба таври умумӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, ба таври алоҳида мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

2.Муаллиф дар хулосаи диссертатсияи худ бояд дар кадом марҳилаҳои ташаккулёбӣ қарор доштани системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медод. Чунин амал имкон медод, ки дурнамои рушди минбаъдаи он муайян карда шавад.

3.Ташаккули системаи сиёсии ҷомеа бояд бо дарназардошти ҷомеаи шаҳрвандӣ низ баррасӣ мегардид. Чунин шакли омӯзиши масъала хоси ҷомеаҳои демократӣ ва системаҳои сиёсии демократӣ аст.

Аммо дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасоиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо, инчунин дар заминаи таҳлили воқеияти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои рӯзмарраи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Қаландаров Кароматулло Қаландарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,**
**декани факултети сиёсатшиносӣ ва**
**муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**Акмалова Мунира Абдунабиевна** ____________________

**02.09.2021**

**Имзои профессор Акмалова М.А.-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон**
**Мирпочоев И.Ҳ.** ____________________

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,**
**ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1**